## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, номзади илмҳои тиб, дотсент Ҳоҷиева Гулнора Бобоевна ба кори диссертатсионии Ҳиммат Муҳаммад Ёсин “Таъсири маводҳои фишорпасткунанда ба сохтори морфофунксионалии меъдачаи чап ва вариабелнокии ритми дил дар беморони фишорбаландии шараёнии синни калонсол” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз руи ихтисоси тиб 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ.

Ҳиммат Муҳаммад Ёсин 16 марти соли 1978 дар оилаи дӯкондор дар шаҳри Мазори Шаифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таваллуд шудааст. Солҳои 1994 то соли 2000 донишҷӯйи Университети Тибби Балхи шаҳри Мазори Шарифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон будааст. Дар шифохонаи шаҳрии Мазори Шариф ҳамчун духтури кардиолог кор мекунад. Солҳои 2010-2011 дар магистратураи кафедраи бемориҳои дарунии №3 ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуда, дар мавзӯи “Равиши бемории ишемиявии дил дар шароити иқлими гарм ” рисолаи магистриро соли 2012 дифоъ намудааст.

Соли 2016 ба докторантураи PhD кафедраи мазкур барои гузаронидани кори илмӣ дохил гардидааст. Диссертатсияи Ҳиммат М.Ё. дар кафедраи бемориҳои дарунии №3 МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” анҷом дода шудааст. Ба диссертант мавзуе, ки коркарди таъсири маводҳои фишорпасткунанда, интихоби тактикаи беҳтарини табобати фишорбаландии шараёнии шахсони калонсоли муқоисавии ду мамлакат, пешниҳод шудааст. Мавзуи мазкур дар асоси дида баромадани омилҳои хатарнок, равиши беморӣ, пешгуйии оқибати табобати фишорбаландии шараёнӣ ва оризаҳои он коркард гардидааст. Сабаби муҳимияти мавзуъ дар набудани корҳои илмии маҷмуии нисбати масъалаҳои интихобшуда мебошад.

Айни замон, дар арзёбии объективии ҳолати беморони гирифтори фишорбаландии шараёнӣ, коркарди омилҳои хатарнок ва тафриқакунии табобати ин беморӣ дар асоси усулҳои тиббӣ далелии истифодабарии интихобии маводҳои фишорпасткунанда зарурат вуҷуд дорад.

Пешхабарҳои зиёди омилҳои хатарнок ва усулҳои арзёбии ҳолати беморон мувофиқи табобати бемори ва таъсири маводҳо ба кори дилу рагҳо, ки барои пешгуйии оқибати фишорбаландии шараёнӣ заруранд пешниҳод мешаванд.

Диссертант усулҳои муосири ташхискунӣ ва табобати фишорбаландии шараёниро истифода мебарад. Миқдори беморон (180 нафар) барои ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод кофист. Диссертатсия хусусияти мустақилонаро дорост, ки бо хулосаҳои муфид, иқтибоси саҳеҳи манбаъҳои адабиёт ва инчунин бо мақолаҳои нашршудаи муаллиф тасдиқ мешавад. Диссертатсияи Ҳиммат Муҳаммад Ёсин дар мавзуи “Таъсири маводҳои фишорпасткунанда ба сохтори морфофунксионалии меъдачаи чап ва вариабелнокии ритми дил дар беморони фишорбаландии шараёнии синни калонсол” таҳқиқоти мустақили анҷомёфта аст, ба талаботҳои КОА назди президенти ҶТ нисбати корҳои ихтисоси мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои муваффақ гаштан ба унвони доктори фалсафа аз руйи ихтисоси 6D110104-Бемориҳои дарунӣ, сазовор аст.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои тиб, дотсент — Ҳоҷиева Г.Б.

имзои/подпись
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
/ НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
„19“ 04 2023 с/г